# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ)

Дар фарҳанги мусиқии Тоҷикистон мусиқии полифонӣ ҳамқадами жанрҳои дигари мусиқии академӣ мебошад. Полифонияи тоҷик яке аз паҳлуҳои норавшани мусиқии академии тоҷик маҳсуб меёбад. Фирӯз Баҳор – композиторест, ки ба полифония таваҷҷуҳи бештар намуда, услуби полифониро яке аз услубҳои эҷодии худ муайян намудааст. Мутаассифона, ӯ дар илми мусиқишиносӣ ҳамчун композитор-полифонист тадқиқ нашудааст ва ягон асари Баҳор аз нуқтаи назари полифония таҳлил нагардидааст. Бузургасари Фирӯз Баҳор «24 прелюдия ва фуга “Нақши паранд”» ягона асари композитори Тоҷикистон дар ин жанри мураккаб мебошад. Вале дар илми мусиқӣ то ҳол таҳлили тадқиқи худро наёфтааст. Ҳамаи ин омилҳо мавзуи кори диссертатсионии мазкурро хеле мубрам муайян менамоянд.

Боби аввал «Рушди силсилаи полифонӣ дар мусиқии композитории ҷаҳон ва Тоҷикистон – заминаи ташаккули бузургсилсила»-ро диссертант аз рӯи принсипи таърихи мусиқӣ таҳлил карда, дар ду фасли он мавқеи бузургсилсила дар мусиқии академӣ ва таҳаввули полифония дар мусиқии академии тоҷик таҳлилу тадқиқ намуда, онҳоро ҳамчун заминаи пайдоиши бузургасари композитор Фирӯз Баҳор шуморидааст.

Аз ибтидо баҳри корбарии возеҳ диссертант якчанд истилоҳҳои шартӣ ворид мекунад, ки аз фаҳмиши амиқи ӯ далолат медиҳанд. Гумон мекунам, ин истилоҳҳо минбаъд дар мусиқишиносии тоҷик қабул мешаванд.

Бобҳои дуюм ва сеюми кор бевосита ба таҳлили бузурасари композитор Баҳор бахшида шудаанд. Диссертант радабандии хеле ҷолиби силсилаҳои хурди полифонии ин бузургасарро пешниҳод менамояд. Ӯ ба ҳайси меъёри асосӣ *манбаъи услуби*ро интихоб карда, силсилаҳои таркибиро ба ду гуруҳ –

*академӣ* ва *миллӣ* тақсим менамояд. Сипас, бо ин иктифо накарда, силсилаҳои хурдро тибқи *меъёри жанрӣ* радабандӣ менамояд.

Таҳлили пурраву мукаммали бузургсилсила диссертантро ба хулосаҳое меоварад, ки композитор Баҳор навовариҳои зиёдеро дар полифонияи тоҷик даровардааст, аз ҷумла гунаҳои серранги фугаро ва консепсияи нави фугаи миллиро. Дар раванди таҳлилӣ диссертант дар умум услуби сохториро корбарӣ намудааст. Бо чунин корбарӣ диссертант кори бузургеро анҷом додааст, ки рабти оҳангӣ-лаҳнӣ, вазнӣ-зарбӣ, композитсионӣ-драматургии силсилаҳои хурдро муфассал равшан менамояд.

Бо таҳлилҳову тадқиқоти худ диссертант маводи хуби таълимӣ ва пажуҳиширо омода намуда (1), Фирӯз Баҳорро ҳамчун композитор-полифонист муаррифӣ карда (2), бузургсилсиларо бо тамоми нозукиҳои ҳалли композитсионӣ ба илми мусиқишиносӣ пешниҳод менамояд (3).

Бояд инро ҳам қайд кард, ки кори диссертатсионии Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ яке аз мавзуҳои мураккаби мусиқии академии тоҷикро гиреҳкушоӣ менамояд. Сатҳи илмии он пурра ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ аст.

Автореферат мазмуну мақсади диссертатсияро хеле равшан таҷассум менамояд. Тарҷумаи русии он мукаммал ва касбӣ-соҳавӣ аст. Мавзуи кори диссертатсионӣ пурра ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи илмии ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Дотсенти кафедраи санъатшиносӣ
ва назарияи мусиқии
ДДФСТ ба номи М. Турсунзода,
номзади илмҳои санъатшиносӣ Раҳимзода К.С.

«17» июни соли 2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Варзоб, деҳаи Дуоба, хонаи 199
E-mail: karomat_rahimov@mail.ru
Тел.: (+992) 985 75 25 94

Имзои Раҳимзода Кароматулло Самандарро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» ____________ Нуридинзода Ф.
«18» июни соли 2026

**Суроға:** 724032, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73А. Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода. Тел.: (+992-37) 2 31 18 27, Сомона: www. ddst.tj.